КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «2» апрели соли 2018 № 42 ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 13 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 70 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) ва банди 5 Дастури Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар ҷавобгӯ набудани диссертатсияи Ҳакимов Нуралӣ Қурбонович ба талаботи банди 10 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 дар бораи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба Ҳакимов Нуралӣ Қурбонович бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба Ҳакимов Нуралӣ Қурбонович рад карда шавад.
3. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳонида шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2018, № 3/1.

Раис А. Розиқзода